**ПРОТОКОЛИ № 112-и**
**маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**аз 24 – уми майи соли 2025, ш. Душанбе**

**Иштирок доштанд:**
Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ 14 нафар, аз рӯйи ихтисос 5 нафар

24-уми майи соли 2025, соати 09:00 дар толори шурои диссертатсионии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ш. Душанбе, к. Буни Хисорак, бинои таълимии № 7, синфхонаи 102) ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 баргузор гардид. Вақти анҷоми ҷаласа: 12:00.

**Раиси ҷаласа:** Низомов С.Ф. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор.
**Котиби илмӣ:** Бобиев И.А. – номзади илмҳои иқтисодӣ.

**Муовини раиси шуро:** Муҳтарам аъзои шурои диссератсионӣ, ҳозирини гиромӣ! Ҳайати шуро бо шумораи 16 нафар тибқи фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми апрели соли 2024 таҳти № 148/шд тасдиқ гардидааст.

Дар асоси варақаи ҳузури аъзои шуро дар ҷаласа 14 нафар иштирок доранд (як нафар тариқи маҷозӣ), аз инҳо 5 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи ҳимояшаванда мебошад.

Ҳамин тариқ, шуро ваколат дорад, ки масъалаҳои дар рӯзномаи ҷаласа гузошташударо баррасӣ намояд. Оид ба оғози кори шуро чӣ пешниҳод доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе тарафдори он бошад, ки ҷаласаи шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям овоз диҳад. Муқобил? Бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

**РУЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода дар мавзуи «Ташаккули низоми буҷетикунонии барномавию ҳадафманди рушди бахши саноат» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.

Диссертатсия дар кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Давлатзода Меҳроҷиддин Хайриддин – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**- Шарифзода Баҳром Маҳмуд** - доктори илмҳои иқтисодӣ, сарходими илмии Шуъбаи таҳқиқоти назариявӣ ва муносибатҳои байналмилалии иқтисодии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**- Тӯхтаев Тӯхтабой Муқимович-** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи молия ва қарз, Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

**БАРОМАД НАМУДАНД:**

1.Муовини раиси шуро: Низомов С.Ф., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор.

2. Котиби илмии шуро: Бобиев И.А., номзади илмҳои иқтисодӣ.

3. Унвонҷӯ Ҳанифаи Э.А.

Унвонҷӯ Ҳанифаи Э.А. ба саволҳои аъзои шуро, докторони илмҳои иқтисодӣ Собирзода Н.М., Улугхоҷаева Х.Р., Умаров Х., Султонов З. ва Калемуллоев М.В.ҷавоб дод.

Баромади роҳбари илмии унвонҷӯ Давлатзода М.Х. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон шунида шуд.

**Котиби илмии шуро**: Бобиев И.А. қироат мекунад:

1. Хулосаи натиҷаҳои экспертизаи муқаддамотии диссертатсия.
2. Тақризи муассисаи пешбар (замима мегардад).
3. Тақризҳои ба автореферати диссертатсия воридшуда (замима мегардад).

**Ҳанифаи Э.А.**: Ба эродҳои дар тақризи муассисаи пешбар ва ба эродҳои дар тақризҳои ба автореферат гирифташуда ҷавоб мегардонад.

- **Муовини раиси шуро:** Ташаккур! Сухан ба муқарризи расмӣ - **Шарифзода Баҳром Маҳмуд** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, сарходими илмии Шуъбаи таҳқиқоти назариявӣ ва муносибатҳои байналмилалии иқтисодии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ дода мешавад.

**Шарифзода Б.М.:** Қироат мекунад (Тақриз замима мегардад).

**Муовини раиси шуро:** Сухан ба унвонҷӯ Ҳанифаи Э.А. барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризи расмӣ дода мешавад.

**Ҳанифаи Э.А.:** Баромад намуда, ба эродҳои муқарризи расмӣ ҷавоб мегардонад.

**Муовини раиси шуро:** Ташаккур! Сухан ба муқарризи расмӣ - **Тӯхтаев Тӯхтабой Муқимович**– номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи молия ва қарз, Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дода мешавад.

**Тӯхтаев Т.М.:** Қироат мекунад (Тақриз замима мегардад).

**Муовини раиси шуро:** Ташаккур! Сухан ба унвонҷӯ Ҳанифаи Э.А. барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризи расмӣ дода мешавад.

**Ҳанифаи Э.А.:** Баромад намуда, ба эродҳои муқарризи расмӣ ҷавоб мегардонад.

**Баромади муқарризони ғайрирасмӣ,** мутахассисон оид ба диссертатсияи баррасишаванда докторони илмҳои иқтисодӣ:

1. Улугхоҷаева Х.Р.
2. Султонов З.
3. Ҳикматов У.С.
4. Умаров Х.
5. Шарифов З.Р.

**Ҳанифаи Э.А.:** Баромад намуда, ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ҷавоб мегардонад, ҳамзамон сухани ҷамъбастиро қироат мекунад.

Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ таъйин гардид ва дар ҳайати он 3 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ докторони илмҳои иқтисодӣ Калемуллоев М.В., Собирзода Н.М. ва Хоҷаев П.Д. интихоб гардиданд.

Аз 14 нафар аъзои шурои дар ҷаласа ҳузурдошта дар бахши овоздиҳӣ 14 нафар (1 нафар тариқи онлайн) иштирок намуданд: аз инҳо 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 14 нафар, муқобил - нест, бюллетени беэътибор - нест.

Аъзои шуро тариқи овоздиҳии ошкоро протоколи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Пас аз шунидани баромади раиси комиссияи ҳисоб тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори шурои диссертатсионӣ дар бораи ба Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода додани

**ҚАРОРИ**
**шурои диссертатсионии 6D.KOA-003 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**аз 24 - уми майи соли 2025** **ш. Душанбе**

Суханронии Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода дар мавзуи “Ташаккули низоми буҷетикунонии барномавию ҳадафманди рушди бахши саноат” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, тақризи роҳбари илмӣ – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Давлатзода Меҳроҷиддин Хайриддин, тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, тақризҳо ва баромадҳои муқарризони расмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарифзода Б.М. ва номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Тӯхтаев Т.М., муқарризони ғайрирасмӣ докторони илмҳои иқтисодӣ Улугхоҷаева Х.Р., Султонов З., Ҳикматов У.С., Умаров Х. ва Шарифов З.Р.-ро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси

натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкарда худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода,

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода дар мавзуи "Ташаккули низоми буҷетикунонии барномавию ҳадафманди рушди бахши саноат" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба талаботи бандҳои 31, 33, 34-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;

2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;

3. Ба Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дода шавад;

4. Барои додани дипломи номзади илмҳои иқтисодӣ ба Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 14 нафар, Муқобил – нест, Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

**Муовин раиси шурои диссертатсионӣ,**
**д.и.и., профессор** **Низомов С.Ф.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Бобиев И.А.**

**24-уми майи соли 2025**